**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ**

Жанри дубайтӣ яке аз куҳантарин намунаҳои осори адабии халқи тоҷик ҳисоб меёбад ва ин унсури бунёдини адабӣ, бахусус дар ҳавзаи фолклор, ҷойгоҳи устуворе дорад. Аз ин рӯ, метавон гуфт, ки диссертатсияи мазкур дар самти муаррифии навъи дубайтӣ дар фолклоршиносӣ кори наву мубрам буда, дар он доир ба вижагиҳои гуногуни ин навъи адабӣ маълумоти густарда пешниҳод шудааст. Дар автореферат мубрамии таҳқиқ дар нукоти зер ифода ёфтааст:

- навъи дубайтӣ нахустин бор ҳамчун жанри мустақили адабӣ дар фолклоршиносӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифт;

- таҳқиқи густардаи вижагиҳои навъи дубайтӣ шароит фароҳам оварад, ки дар бораи пайдоиш, ташаккулу таҳаввул, хусусиятҳои мавзуӣ, сохторӣ, сабк ва воситаҳои бадеии он маълумоти васеъ пайдо намоем;

- мавқеи устувори навъи дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ ҳамчун асилтарин намунаи мероси завқии миллати тоҷик нишон дода шуд.

Диссертант нишон медиҳад, ки навъи дубайтӣ дар байни табақаҳои мухталифи ҷомеа ҳамчун воситаи муҳимми ибрози эҳсосу отифа ва тарғиби ақидаҳои иҷтимоию ахлоқӣ ба кор меравад ва монанди дигар анвои адабӣ дар таҳкиму густариши забону адабиёти тоҷикии форсӣ саҳми назаррас дорад. Бинобар ин, таҳқиқу баррасии гуногунҷанбаи навъи дубайтӣ масъалаи муҳимми адабӣ ба шумор рафта, барои мушаххас намудани ҷойгоҳ ва баъзе вижагиҳои адабии он дар эҷодиёти шоирони алоҳида, осори мардумӣ, ҳамзамон ташхиси таъсири

мутақобилаи ин намуди ашъори чормисраӣ дар адабиёти гуфторӣ ва навишторӣ мусоидат менамояд.

Дар хулосаи автореферат арзиши таҳқиқу мубрамии он баён гардидаанд ва моҳияти масъалаҳои асосии пажуҳиш бо натиҷагириҳои мушаххас нишон дода шудааст. Диссертант кӯшидааст, ки зимни баррасии бархе масъалаҳои матраҳшуда бо муҳаққиқони ин соҳа ба мубоҳиса пардохта ва мулоҳизаҳои хешро дар баъзе маврид бо далелҳои муътамад баён менамояд. Инчунин зимни таҳқиқи мавзуи ихтихобшуда диссертант аз усулҳои маъмули фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ, пеш аз ҳама, методи муқоисавӣ-таърихӣ: усули таҳлили компаративӣ, таҳлили тасвирӣ, таҳлили типологӣ ва ғ. истифода кардааст. Мавсуф бо такя ба маводди фаровони пурарзиши фолклорӣ ва адабиёти навишторӣ оид ба вижагиҳои навъи дубайтӣ аз нигоҳи фолклоршиносӣ ва адабиётшиносӣ маълумоти муфассали илмиро пешниҳод намудааст.

Дар баробари комёбиҳои арзишманди илмӣ дар автореферати диссертатсия баъзе нуктаҳои баҳснок ва ислоҳталаб ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо бамаврид буда, ба ҷиҳати хубии кори илмӣ меафзояд, аз ҷумла:

1. Дар автореферати диссертатсия баъзе хатоҳои техникӣ ва имлоӣ дида мешаванд.
2. Дар баъзе мавридҳо номи муҳаққиқон мувофиқи меъёри ягона навишта нашудааст. Масалан: Сируси Шамисо, Шафеии Кадканӣ, А.Абдусаттор (ниг.: саҳ. 6), Н. Хонларӣ (ниг.: саҳ. 12).

Камбудиҳои зикршуда ҷузъӣ ва ислоҳшаванда буда, ҳаргиз қимати илмии диссертатсияро паст карда наметавонад.

Хулоса, диссертатсияи Бухориев Олим Салимович дар мавзуи «Вижагиҳои жанри дубайтӣ дар адабиёти навишторӣ ва гуфторӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.09 – фолклоршиносӣ кори илмӣ-таҳқиқии анҷомёфта ба ҳисоб меравад, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илми филология мебошад.

Доктори илми филология, доценти
кафедраи адабиёти ҷаҳони
Муассисаи таълимии байнидавлатии
Таҳсилоти олии “Донишгоҳи (славянии)
Россия ва Тоҷикистон Холов Х. Р.
«21» августа соли 2023

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30.
Тел.: (+992) 907-72-39-01
E - mail: hol56@list.ru

Имзои Х.Н.Холовро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои
Муассисаи таълимии байнидавлатии
Таҳсилоти олии “Донишгоҳи (славянии)
Россия ва Тоҷикистон Рахимов А.А.

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш.Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30.
Тел.: (992) 227-92-93.
Сомонаи муассиса: rtsu.tj

«21» августа соли 2023